Гуфторҳои

Мансури Ҳошимии Хуросонӣ

Пойгоҳи иттилоърасонии дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло

Коди гуфтор: 81

Аҳком

Пӯшиданиҳо ва оростаниҳо

Пойгоҳи иттилоърасонии дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло

بسم الله الرحمن الرحيم

Чаҳор гуфтор аз он ҳазрат дар наҳйи аз пӯшидани либоси шӯҳрат ва баёни инки либоси руҳоният аз либоси шӯҳрат аст.

1 . أَخْبَرَنا عَبْدُ اللّهِ بْنُ حَبيبٍ الطَّبَرِيُّ، قالَ: كُنّا مَعَ الْمَنْصُورِ الْهاشِمِيِّ الْخُراسانِيِّ فِي مَسْجِدٍ فَأَقْبَلَ عَلَيْنا وَ قالَ: لا تَلْبَسُوا لِباسَ الشُّهْرَةِ فَيَأْخُذُكُمُ الْخُيَلاءُ فَيُحْبِطُ أَعْمالَكُمْ! فَما لَبِثَ أَنْ دَخَلَ رَجُلٌ عَلَيْهِ الْعادَةُ، فَقالَ: هٰذا مِنْ لِباسِ الشُّهْرَةِ!

Тарҷумаи гуфтор:

Абдуллоҳ ибни Ҳабиби Табарӣ моро хабар дод, гуфт: Ба ҳамроҳи ҳазрати Мансури Ҳошимии Хуросонӣ дар масҷиде будем, пас рӯй ба ман кард ва фармуд: Либоси шӯшрат напӯшед ки шморо худбузурбинӣ мегирад, пас аъмолатонро нобуд мекунад! Пас чизе нагузашт ки марде бо либоси руҳоният ворид шуд, пас он ҳазрат фармуд: Ин аз либоси шӯҳрат аст!

Шарҳи гуфтор:

Либоси шӯҳрат либосе аст ки сабаби тамоюзи соҳиби он аз сойири мусалмонон мешавад ва бо ин васф, тардиде нест ки либоси руҳоният аз либоси шӯҳрат аст; Чароки сабаби тамоюзи руҳониюн аз сойири мусалмонон мешавад, дар ҳоле ки дар Ислом либоси хоссе барои олимони дин пешбинӣ нашуда ва илтизоми онон ба он бидъат аст. Аз ин рӯ, ҳазрати Мансури Ҳошимии Хуросонӣ онро намепӯшад ва аз пӯшидани он наҳй мефармояд; Чунонки дар хабари дигар омадааст:

2 . أَخْبَرَنا مُحَمَّدُ بْنُ إِبْراهِيمَ الشِّيرازِيُّ، قالَ: كانَ الْمَنْصُورُ يَلْبَسُ أَكْثَرَ ما يَلْبَسُ قَمِيصاً أَبْيَضَ وَ قَلَنْسُوَةً سَوْداءَ أَوْ بَيْضاءَ وَ لا يَلْبَسُ لِباسَ الْعادَةِ فَخَرَجْتُ يَوْماً مِنْ عِنْدِهِ وَ مَعِيَ رَجُلٌ مِنْ أَصْحابِنا، فَوَجَدْتُهُ ساخِطاً، فَقُلْتُ لَهُ: ما لَكَ؟! فَقالَ: هٰذا سَيِّدُ الْعُلَماءِ وَ رَئِيسُ الْمُجْتَهِدِينَ وَ لا يَلْبَسُ لِباسَهُمْ!! قُلْتُ: وَيْحَكَ! لا يُقَلِّدُهُمْ وَ مِنْ خُشُوعِهِ لا يَلْبَسُ وَ تَواضُعِهِ! قالَ: لا وَاللّهِ لا يُحْسِنُ وَ لا يُجْمِلُ! قُلْتُ: وَجْهِي مِنْ وَجْهِكَ حَرامٌ حَتّىٰ أُخْبِرَهُ بِما قُلْتَ! فَرَجَعْتُ إِلَى الْمَنْصُورِ فَأَخْبَرْتُهُ بِقَوْلِهِ، فَقالَ: أَخْبِرْهُ بِأَنَّهُ فِتْنَةٌ لِلنّاسِ ﴿وَلِبَاسُ التَّقْوَىٰ ذَٰلِكَ خَيْرٌ ۚ ذَٰلِكَ مِنْ آيَاتِ اللَّهِ لَعَلَّهُمْ يَذَّكَّرُونَ﴾!

Тарҷумаи гуфтор:

Муҳаммад ибни Иброҳими Шерозӣ моро хабар дод, гуфт: Ҳазрати Мансур дар бештари мавоқеъ пероҳани сапед ва арақчинӣ сиёҳ ё сапед мепӯшид ва либоси руҳоният бар тан

намекард, пас рӯзе аз маҳзари он ҳазрат берун омадам дар ҳоле ки марде аз ёронамон ба ҳамрои ман буд, пас ӯро хушмагин ёфтам, пас ба ӯ гуфтам: Туро чи мешавад?! Гуфт: Ин саййиди олимон ва раъиси муҷтаҳидон аст ва либоси ононро бар тан намекунад!! Гуфтам: Вой бар ту! Аз онон тақлид намекунад ва аз хушӯъ ва тавозуъи ӯст ки онро бар тан намекунад! Гуфт: На ба Худо қасам, кори худ ва зебойе анҷом намедиҳад! Гуфтам: Дидори ман ва ту ҳам ҳаром аст то он гоҳ ки сухани туро ба иттилоъи ӯ бирасонам! Пас ба назди он ҳазрат бозгаштам ва сухани ӯро ба иттилоъи он ҳазрат расондам, пас фармуд: Ӯро хабар бидеҳ ки он фитане барои мардум аст <<Ва либоси тақво он беҳтар аст, он аз оёти Худованд аст бошад ки онон мутазаккир шаванд>> (Аъроф/ 26)!

Шарҳи гуфтор:

Оре, бегумон либосе ки мусалмононро ба ду даста тақсим карда ва якеро бандаи дигарӣ сохта ва ба сӯйи сарсупурдагӣ ва тақлиди кӯр кӯрона аз ӯ савқ дода, фитнае барои онон аст. Либосе ки ба батне барои мусалмонон табдил шуда ва пӯшише барои фиреб ва абзоре барои истизъофи онон аст, ҷуз фитане барои онон нест. Аммо либоси Мансури Ҳошимии Хуросонӣ, аз ҷинсӣ дигар аст; Либоси ӯ, либоси тақвост; Либосе ки аз тори илм ва пуди амал бофта шуда ва аз чирки риё ва чирки худбузургнамойи покиза аст ва чунин либос мероси анбиёъ ва намоди тӯдаҳои мустазъаф ва бетакаллуф аст; Чунонки дар ахбори дигаре омадааст:

3 . أَخْبَرَنا أَحْمَدُ بْنُ عَبْدِ الرَّحْمٰنِ الطّالِقانِيُّ وَ عَلِيُّ بْنُ داوُودَ الْفَيْضآبادِيُّ جَمِيعاً، قالا: قالَ الْمَنْصُورُ: كانَ مُوسىٰ عَلَيْهِ السَّلامُ يَلْبِسُ لِباسَ النّاسِ وَ كانَ فِرْعَونُ يَلْبِسُ ما يُعْرَفُ بِهِ وَ كانَ عِيسىٰ عَلَيْهِ السَّلامُ يَلْبِسُ لِباسَ النّاسِ وَ كانَ قِيافا يَلْبِسُ ما يُعْرَفُ بِهِ وَ كانَ مُحَمَّدٌ صَلَّى اللّهُ عَلَيْهِ وَ آلِهِ وَ سَلَّمَ يَلْبِسُ لِباسَ النّاسِ وَ كانَ أَبُو سُفْيانَ يَلْبِسُ ما يُعْرَفُ بِهِ وَ كانَ عَلِيٌّ عَلَيْهِ السَّلامُ يَلْبِسُ لِباسَ النّاسِ وَ كانَ مُعاوِيةُ يَلْبِسُ ما يُعْرَفُ بِهِ وَ ها أَنا ذا أَلْبِسُ لِباسَ النّاسِ وَ هٰؤُلاءِ يَلْبِسُونَ ما يُعْرَفُونَ بِهِ لِيُقالَ لَهُمُ الْعُلَماءُ! فَعِنْدَ ذٰلِكَ اخْتَلَفَ الْمَنْهَجانِ وَ تَغايَرَ الْفَرِيقانِ وَ لا سِواءٌ وَ لا سِواءٌ!

Тарҷумаи гуфтор:

Аҳмад ибни Абдурраҳмони Толиқони ва Алӣ ибни Доввуди Файзободӣ ҳар ду моро хабар доданд, гуфтанд: Мануср фармуд: Мӯсо алайҳи салом либоси мардумро мепӯшид ва

фиръавн либосеро мепӯшид ки бо он шинохта шавад ва Исо алайҳи салом либоси мардумро мепӯшид ва Қиёфо (коҳини аъзами яҳудиён дар замони ӯ) либосеро мепӯшид ки бо он шинохта шавад ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам либоси мардумро мепӯшид ва Абу Суфиён (дар замони ҷоҳилият) либосеро мепӯшид ки бо он шинохта шавад ва Алӣ алайҳи салом либоси мардумро мепӯшид ва Муъовия либосеро мепӯшид ки бо он шинохта шавад ва ин ҳам ман ки либоси мардумро мепӯшам ва инҳо либоеро мепӯшанд ки бо он шинохта шаванд то ба онон гуфта шавад: <<Олим>>! Инҷост ки ду рӯйкард аз ҳам ҷудо мешаванд ва ду гурӯҳ аз ҳам муғойират меёбанд ва ҳаргиз яксон нестанд ва ҳаргиз яксон нестанд!

4 . أَخْبَرَنا يُونُسُ بْنُ عَبْدِ اللّهِ الْخَتْلانِيُّ، قالَ: قُلْتُ لِلْمَنْصُورِ: إِنَّكَ تَلْبَسُ لِباساً يُشْبِهُ لِباسَ النّاسِ وَ أَنْتَ وَلِيٌّ مِنَ الْأَولِياءِ! أَفَلا أَصْنَعُ لَكَ لِباساً يُشْبِهُ لِباسَ الْأَنْبِياءِ؟ فَضَحِكَ وَ قالَ: لِباسُ التَّقْوىٰ ذٰلِكَ خَيْرٌ وَ ذٰلِكَ لِباسُ الْأَنْبِياءِ! ثُمَّ قالَ: كانَ جَعْفَرُ بْنُ مُحَمَّدٍ الصّادِقُ يَقُولُ: خَيْرُ لِباسِ كُلِّ زَمانٍ لِباسُ أَهْلِهِ غَيْرَ أَنَّ الْمَهْدِيَّ إِذا قامَ لَبِسَ لِباسَ عَلِيٍّ وَ سارَ بِسيرَتِهِ!

Тарҷумаи гуфтор:

Юнус ибни Абдуллоҳи Хатлонӣ моро хабар дод, гуфт: Ба ҳазрати Мансур гуфтам: Ту либосеро мепӯшӣ ки шабеҳ ба либоси мардум аст, дар ҳоле ки ту валиййе аз авлиёъ ҳастӣ! Пас оё барои ту либосеро таҳя накунам ки шабеҳ ба либоси анбиёъ бошад? Пас хандид ва фармуд: Либоси тақво он беҳтар аст ва он либоси анбиёъ аст! Сипас фармуд: Ҷаъфар ибни Муҳаммади Содиқ мефармуд: Либоси ҳар замон либоси аҳли он аст, ҷуз инки Маҳдӣ ҳангоме ки қиём мекунад либоси Алиро мепӯшад ва ба сираи ӯ амал мекунад!

Шарҳи гуфтор:

Барои хондани тавзиҳоти бештаре дар ин бора, ба пурсиш ва посухи 110 мурочиъа кунед.

